# Барномаи ХИС-ММИС – пешниҳоди қарзи III ба Бонки Арванд

Макон:
Тоҷикистон

Рақами лоиҳа:
54529

Бахши фаъолият:
Муассисаҳои молиявӣ

Намуди эълон:
Хусусӣ

Категорияи экологӣ:
ММ

Санаи тасдиқ:
11 июли с. 2023

Ҳолат:
**Тасдиқ шудааст**

Санаи нашри ҳуҷҷат оид ба
тавсифи мухтасари лоиҳа (ҲТЛ) бо забони англисӣ:
25 июли соли 2023

*Мутобиқи банди 1.4.2 (iii) Дастур “Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот”: “Дар мавриди лоиҳаҳои аз ҷониби роҳбарияти Бонк тасдиқшуда, дар ҳолатҳое, ки Шӯрои директорон барои тасдиқи онҳо ваколат додааст, муҳтавои тавсифи мухтасари лоиха дар оғози давраи дахлдори огоҳнома оид ризоият, ки ба кишвари узви Бонк мутобиқи моддаи 13 (iii) Созишнома оид ба таъсиси БАТР ирсол мешавад, нашр мегардад*."

## Тавсифи лоиҳа

Пешниҳоди қарзи афзалиятнок дар ҳаҷми то 4.0 миллион доллари ИМА ба Бонки Арванд, ки аз он 3 миллион доллари ИМА аз ҳисоби БАТР ва то 1 миллион доллари ИМА аз ҳисоби Хазинаи иқлими сабз (ХИС) дар доираи Барномаи минтақавии ҳошиявии ХИС- Механизми маблағгузории иқтисоди сабз (Барномаи ХИС-ММИС дар Тоҷикистон II) таъмин мегардад.

## Ҳадафи лоиҳа

Лоиҳаи пешниҳодшуда ба меъёрҳои Барномаи минтақавии ҳошиявии ХИС-ММИС ҷавобгӯ мебошад. Баъди азхудкунии бомуваффақияти қарзи якуми соли 2021 ва қарзи дуввуми  соли 2022 имзошуда ин аллакай қарзи сеюм дар доираи Барнома ба Арванд мебошад. Маблағҳои қарз ба ҷорӣ намудани технологияҳои кам кардани паёмадҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба онҳо равона мегарданд. Амалиёти

мазкур ба вусъатёбии минбаъдаи номгӯи маҳсулоти аз ҷониби Арванд пешниҳодшаванда аз ҳисоби маҳсулоти “сабзи” қарзӣ бо дарназардошти хусусиятҳои гендерӣ, мусоидат хоҳад намуд.

## Таъсир ба раванди гузариш

Холи арзёбии таъсири чашмдошт ба раванди гузариш: 90

Лоиҳа ба ноилшавии ҳадафҳои Барномаи минтақавии ҳошиявии ХИС-ММИС ва бахусус ба ноилшавии ҳадафҳои Барномаи ХИС-ММИС дар Тоҷикистон II мусоидат мекунад. Он сифати Green TI мутобиқи методологияи раддабандии GET TI дастгирӣ намуда, дар баробари ин 100% маблағҳо барои иҷрои чорабиниҳои GET истифода мешаванд. Лоиҳаи мазкур ба ноилшавии ҳадафи Барнома – дастгирии бунёди иқтисоди “сабз” дар Тоҷикистон бо роҳи расонидани кӯмак ба воридшавии босуръати технологияҳои иқлимӣ бахусус бо диққати махсус ба пешбурди технологияҳои баланд бардоштани устуворӣ ба тағйирёбии иқлим ва истифодаи самараноки захираҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва манотиқи деҳот, мусоидат мекунад.

Бонки Арванд уҳдадор мешавад, ки Нақшаи гузаришро таҳия ва татбиқ намояд. Дар давоми ду сол аз лаҳзаи ба имзо расонидани созишнома Арванд Нақшаи гузаришро ба БАТР пешниҳод мекунад. Дар он ҳадафҳои дорои муҳлатҳои мушаххас, амалҳо ва нақшаи такмили таҷрибаи корӣ нисбати тағйирёбии иқлим ва мутобиқсозии маблағҳои воридшаванда бо ҳадафҳои Созишномаи Париж, тавсиф мешаванд.

Дар сатҳи Барномаи ХИС-ММИС Тоҷикистон II бахши татбиқи сиёсати “сабз” дохил карда шудааст. Чорабиниҳо ва натиҷаҳои асосии муколамаи сиёсӣ ислоҳоти ниҳодӣ дар бахши молияи Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ислоҳоти мазкур тавассути дастгирии Бонки миллии Тоҷикистон дар қабули санади меъёрие, ки ба ҳисобгириии хавфи тағйирёбии иқлим нигаронида шудааст, пеш аз ҳама, бо роҳи ифшои ихтиёрии маълумот, амалӣ мегардад.

## Маълумот дар бораи муштарӣ

ҶСП БОНКИ АРВАНД

Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Бонки Арванд» (Арванд) ҳамчун бонки универсалии тиҷоратӣ фаъолият мекунад, ки маҷмӯи пурраи хизматрасониҳои бонкиро, асосан барои сегменти савдои чакана ва КМХМ дар Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Ба ҳолати охири моҳи марти соли 2023 Бонки Арванд аз рӯи дороиҳо (ҳисса дар бозор – 3%) ҷои даҳум ва аз рӯи ҳаҷми сандуқи қарзӣ дар байни бонкҳои соҳа (6%) ҷои чорумро ишғол менамояд.

## Маълумоти мухтасар оид ба маблағгузории БАТР

3,000,000.00 доллари ИМА

## Арзиши умумии лоиҳа

4,000,000.00 доллари ИМА

Қарзи афзалиятнок дар ҳаҷми то 4,0 миллион доллари ИМА дар ду транш ҳар кадоме иборат аз 2 миллион доллари ИМА пешниҳод мегардад. 75 фоизи ҳар як транш аз ҳисоби маблағҳои БАТР бо асъори миллӣ маблағгузорӣ мегардад; 25 фоизи боқимондаи ҳар як транш аз ҳисоби Хазинаи иқлими сабз (ХИС) бо доллари ИМА маблағгузорӣ мешавад.

## Хусусияти иловагӣ

**Сохтори маблағгузорӣ:** БАТР **муҳлатеро** пешниҳод мекунад, ки аз муҳлати миёнаи дар бозор истифодашаванда зиёдтар аст ва он барои муайянсозии сохтори лоиҳа зарур мебошад. БАТР **қарзро бо асъори миллӣ** бо шартҳои дар бозор мавҷуднабуда пешниҳод мекунад.

**Сохторҳои ва/ё воситаҳои инноватсионии маблағгузорӣ**: БАТР воситаи инноватсионии маблағгузории «сабзро» пешниҳод мекунад, ки он дар сохтори маблағгузорӣ чунин ҷанбаҳоро ба монанди стандартҳои иқлимӣ ва экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ (ИЭИИ) ва/ё ба инобатгирии хавфҳои иқлим ва ИЭИИ, дар бар мегирад.

**Муқаррар намудани стандартҳо**: Муштарӣ ба БАТР барои кӯмаки коршиносон оид ба масъалаҳои таъмини фарогирии бештар ва стандартҳои гендерӣ ва/ё нақшаҳои амал оид ба таъмини имконниятҳои баробар, муроҷиат менамояд.

## Муҳтавои масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ

Ба категорияи ММ (2019 ESP) нисбат дода шудааст. Бонки Арванд муштарии кунунии Бонк мебошад ва нишондиҳандаҳои экологӣ ва иҷтимоии он то имрӯз қаноатбахш мебошанд, ки аз он ҳисоботи солона оид ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад. Бонки Арванд дорои Сиёсат оид ба масъалаҳои ЭваИ, номгӯи истисноҳо, инчунин сиёсати кадрӣ ва кодекси рафтор мебошад. Низоми кор бо дархосту мушкилиҳои ҷомеа мавҷуд аст.

Маблағҳои ба дастомада ба татбиқи лоиҳаҳо дар самти истифодаи самарабахши нерӯ, манбаҳои барқароршавандаи нерӯ ва таъмини устуворӣ ба тағйирёбии иқлим равона хоҳанд гашт. Истифодаи маблағҳои дар доираи лоиҳа ба дастомада метавонад зерлоиҳаҳоро дар соҳаи энергетикаи офтобӣ дар бар гирад. Идоракунии чунин зерлоиҳаҳо мутобиқи “Равиши пешниҳодшудаи идоракунии хавфҳои занҷири таъмини нерӯи офтобӣ” (CS/FO/21-35), (CS/FO/21-35 (Add 2)) ва ҳама гуна дастури минбаъд дар доираи равиши мазкур таҳияшуда мавриди амал қарор дода мешавад.

Дар робита бо амалиётҳои нав Бонки Арванд бояд риояи Талаботҳои 2, 4 ва 9-и БАТР-ро оид ба татбиқи лоиҳа (ТТЛ) идома диҳад ва Тартиботи БАТР оид ба идоракунии хавфҳои экологӣ ва иҷтимоӣ барои қарзҳои шахсони ҳуқуқӣ ва корхонаҳои хурд ва миёнаро истифода намояд. Бонки Арванд бояд пешниҳоди ҳисоботҳои солонаи экологӣ ва иҷтимоиро оид ба риояи ТТЛ-и амалкунанда ва пешниҳоди ҳама гуна иттилоотро оид ба дигар масъалаҳои дар давоми сол ба миён омада, идома диҳад. Тамоми лоиҳаҳои дар доираи Механизми маблағгузории иқтисоди сабз (GEFF) бояд бо меъёр ва стандартҳои миллӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, саломатӣ ва бехатарии меҳнат мутобиқ бошанд. Лоиҳа ба равиши GET мутобиқ мебошад ва ҳиссаи GET 100% ташкил медиҳад. Ҳама гуна зерлоиҳаҳои бо манбаъҳои барқароршавандаи нерӯ алоқаманд бояд ба меъёрҳои дахлдори

мутобиқати ЭваИ дар доираи лоиҳаҳои нерӯи бод, офтоб, об, геотермалӣ ва биоэнергетикӣ, вобаста аз ҳолат, ҷавобгӯ бошанд.

## Ҳамкории техникӣ ва маблағгузории грантӣ

Ҳамкории техникӣ (ҲТ): Арванд минбаъд низ аз Ҳамкории техникӣ, ки дар доираи Хазинаи иқлими сабз (ХИС) аз ҷониби Ҷумҳурии Корея ва Ҷумҳурии Австрия маблағгузорӣ шудааст, манфиат мебардорад. Интизор меравад, ки баъзе аз намудҳои фаъолият ба минбаъд баланд бардоштани зарфияти муштарӣ барои қонеъ намудани талаботи КМХМ, ки занон роҳбаронашон мебошанд, мусоидат мекунанд. Ҳадафи ҲТ дастгирии ММ баланд бардоштани тавонмандӣ, татбиқ ва мониторинги барнома, аз ҷумла ба инобат гирифтани масъалаҳои гендерӣ маҳсуб меёбад. Манбаи маблағгузорӣ: ХИС, Ҷумҳурии Австрия, Ҷумҳурии Корея ва дигар донорон.

Ҳамкории техникӣ дар самти хавфи алоқаманд бо тағйирёбии иқлим ва банақшагирии давраи гузариш: Ҳамкории алоҳидаи техникӣ бахшида ба хавфҳои тағйирёбии иқлим ва инчунин таҳия ва татбиқи нақшаи гузариш, ки ба муносибгардонии фаъолияти ММ тибқи ҳадафҳои Созишномаи Париж нигаронида шудааст ва аз ҳисоби Хазинаи махсуси саҳмдорон (ХМС) маблағгузорӣ мешавад, дар доираи Лоиҳа татбиқ мегардад.

Маблағгузории омехтаи имтиёзнок:

I. Гранти муодили то 0,08 миллион доллари ИМА дар шакли маблағгузории имтиёзнок барои баланд бардоштани ҳавасмандии ММ барои иштирок дар Барнома ва равонасозии захираҳои онҳо ба рушди маҳсулоти мазкур бо мақсади ҳалли мушкилиҳои сегменти бозоре, ки ба таври кофӣ хизмат расонида намешавад, истифода хоҳад шуд. Тафовути ХИС ва комиссияи ибтидорӣ то 80% аз меъёри муқаррарнамудаи БАТР бо мақсади дастгирии нархгузории умумии ХИС, коҳиш дода мешавад. Манбаъ: ХИС

II. Имтиёзҳои сармоягузорӣ барои ҳавасмандгардонии талабот ба технологияҳои навовар ё баландсифат дар шароити кунунии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд. Воситаҳои ҳавасмандкунӣ танҳо ба зерқарзгирандагоне, ки дар занҷирҳои арзиши соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд, пешниҳод мегарданд. Маблағ: то 0,44 миллион доллари ИМА (метавонад то 0,528 миллион доллари ИМА вобаста аз дастрасии маблағгузории донор афзоиш дода шавад). Манбаъ: Хазинаи махсуси саҳмдорони БАТР (ХМС).

# Маълумот дар бораи Ширкат барои тамос

Гулнора Якубова
gulnora.yakubova@arvand.tj
+992 44 600 14 00
www.arvand.tj

ҶСП Бонки Арванд

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд, 735700, хиёбони И. Сомонӣ, 1А

# Санаи охирин навкунии ҲТЛ

25 июли соли 2023

## Дарки раванди гузариш

Маълумоти иловагӣ дар бораи муносибати БАТР нисбати баҳодиҳии таъсири раванди гузариш инҷо оварда шудааст.

## Имкониятҳо барои тиҷорат

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо имкониятҳои тиҷоратӣ ё харид, бо ширкати муштарӣ тамос гиред.

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо имкониятҳои тиҷоратӣ бо БАТР (ки бо масъалаҳои харид вобаста нест) тамос гиред:

Тел: +44 20 7338 7168
Суроғаи электронӣ: projectenquiries@ebrd.com

Барои лоиҳаҳои бахши давлатӣ аз пайванди зерин истифода баред Фаъолияти харид дар БАТР:

Тел: +44 20 7338 6794
Суроғаи электронӣ: procurement@ebrd.com

## Дархостҳои умумӣ

Дархостҳои мушаххасро метавонед бо истифода аз Варақаи дархости БАТР пешниҳод намоед.

## Сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ (СЭИ)

СЭИ ва Талабот оид ба татбиқи лоиҳаҳо (ТТЛ) роҳҳое, ки БАТР тавассути онҳо уҳдадориҳои худро ҷиҳати мусоидат ба “рушди аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва устувор” иҷро менамояд, муайян мекунанд. СЭИ ва ТТЛ муқаррароти махсусро барои муштариён оид ба риояи талаботҳои амалкунандаи қонунгузории миллӣ роҷеъ ба иттилооти ҷамъиятӣ ва машварат, аз он ҷумла дар бораи ташкили механизми баррасии шикоятҳо барои қабул ва бартараф намудани нигарониҳо ва ҳалли шикоятҳои ҷонибҳои манфиатдор, бахсус, оид ба фаъолияти муштарӣ ва лоиҳа, ки бо масъалаҳои муҳити зист ва иҷтимоӣ алоқамандaнд, дарбар мегиранд. Вобаста аз хусусият ва ҳаҷми хавфҳо ва таъсири экологӣ ва иҷтимоии лоиҳа, БАТР иловатан аз муштариёни худ талаб мекунад, ки дар мавриди зарурӣ маълумотро дар бораи хавфҳо ва таъсироти лоиҳаҳо ошкор созанд ё бо ҷонибҳои манфиатдор машваратҳои пурмуҳтаво гузаронида, фикру мулоҳизаҳои онҳоро баррасӣ намоянд ва ба онҳо посух диҳанд.

Маълумоти бештар дар бораи таҷрибаи БАТР дар ин робита дар СЭИ оварда шудааст.

## Росткорӣ ва риояи талабот

Идораи Сармутахассиси БАТР оид ба риояи талабот (ОССО) ба идоракунии шоиста мусоидат намуда, истифодаи стандартҳои олии таҷрибаи росткориро дар тамоми

фаъолияти Бонк мутобиқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, таъмин мекунад. Санҷиши маҷмӯии таҷрибаҳои росткорӣ нисбати тамоми муштариёни Бонк бо мақсади пешгирӣ намудани таҷрибаҳое, ки ба росткорӣ ва обрӯву эътибори Бонк таҳдид мекунанд, анҷом дода мешавад. Бонк бар он ақида аст, ки роҳи муассиртарини таъмин намудани росткорӣ дар амалиёти Бонк муайяннамоӣ ва ҳалли масъалаҳо дар марҳилаҳои баҳодиҳӣ ва тасдиқи лоиҳа мебошад. ОССО дар ин талошҳои муҳофизатӣ нақши калидӣ дорад ва инчунин пас аз сармоягузорӣ дар пайгирии таҷрибаҳои таҳдидкунандаи росткорӣ дар лоиҳаҳо кӯмак мекунад.

ОССО инчунин барои таҳқиқи иттиҳомоти қаллобӣ, коррупсия ва рафтори нодуруст дар доираи лоиҳаҳое, ки аз ҷониби БАТР маблағгузорӣ мегарданд, масъул аст. Ҳар як шахс, новобаста аз он ки дар дохили Бонк ва ё берун аз он аст, дар сурати гумонбарии амали қаллобӣ ё коррупсионӣ бояд ба Сармутахассис оид ба риояи талабот гузориши хаттиро тавассути почтаи электронӣ зерин compliance@ebrd.com ирсол намояд. Тамоми масъалаҳои ирсолшуда аз тарафи ОССО барои қабули чораҳои минбаъда дида баромада мешаванд. Ҳама гузоришҳо, аз ҷумла паёмҳои махфӣ низ баррасӣ мегарданд. Гузоришҳо метавонанд бо ҳама забонҳои Бонк ё кишварҳои амалиёти Бонк тартиб дода шаванд. Маълумоти пешниҳодшуда бояд объективӣ бошад.

## Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот (СДИ)

СДИ пас аз эътибор пайдо намудани он санаи 1 январи соли 2020, роҳҳои ифшо кардани маълумот аз ҷониби БАТР, машварат бо ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати пешбурди огаҳӣ ва фаҳмиши беҳтари стратегияҳо, сиёсатҳо ва амалиётҳоро муайян мекунад. Барои фаҳмидани он, ки дар торнамои БАТР кадом маълумот дастрас аст ба саҳифаи Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот ташриф оред.

Дархостҳои мушаххасро барои гирифтани маълумот метавонед бо истифода аз Варақаи дархости БАТР ирсол намоед.

## Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо (ММҲЛ)

Агар кӯшишу талошҳои Муштарӣ ё Бонк оид ба ҳалли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ё масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот (масалан, тавассути механизми баррасии шикоятҳои Муштарӣ дар сатҳи лоиҳа ё тавассути ҳамкории мустақим бо роҳбарияти Бонк) бенатиҷа монанд, шахсони алоҳида ва ташкилотҳо метавонанд мушкилиҳои худро тавассути муроҷиат ба Мақоми мустақили ҳисоботдиҳии БАТР оид ба лоиҳаҳо ҳаллу фасл намоянд.

ММҲЛ мушкилиҳоеро, ки дар доираи Лоиҳа аз рӯи тахмин зарар овардаанд (ё метавонанд зарар оваранд), мустақилона мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ҳадафи мақом аз ин иборат аст: дастгирии муколамаи ҷонибҳои манфиатдори Лоиҳа баҳри ҳаллу фасли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ва масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот; муайян кардани мувофиқати Бонк бо сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ ё муқаррароти сиёсати дастрасӣ ба иттилоот , ки ба лоиҳаҳои мушаххас алоқаманд мебошанд; ва дар ҳолати зарурӣ, аз байн бурдани ҳамагуна ҳолатҳои мавҷудбудаи риоя накардани ин сиёсатҳо ва ҳамзамон пешгирии риоя накардани талабот дар оянда аз ҷониби Бонк.

Лутфан ба торнамои Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо ворид шавед ва маълумоти бештарро дар бораи ММҲЛ ва ваколатҳои он; тарзи пешниҳоди Дархост барои баррасӣ пайдо намоед; ё бо ММҲЛ тавассути суроғаи электронии ipam@ebrd.com барои гирифтани дастур ва маълумоти бештар дар бораи ММҲЛ ва тарзи пешниҳоди дархост, тамос гиред.